ПРОТОКОЛИ №23-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-099-и назди
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

аз 15-уми декабри соли 2025 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар

Раиси шуро: Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2025, №206/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Ашурова Нодира Ҷумъаевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

– **Султонмамадова Умеда Алимамадовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар: **МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 04.03.2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Шамсиддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид